**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015**

ББК: 74.202.2 (2 тоҷик)

**ЗУБАЙДОВ У.З., ҶАЛИЛОВА М.Н.**[1]

# ИСТИФОДАИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАФРИҚАИ САТҲӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар мақола қайд карда мешавад, ки хонандагони ҳар як синф дар мактаб аз ҷиҳати инкишоф ва дараҷаи тайёрӣ гуногун буда, ба хониш муносибатҳои хос дошта, ҳар яке дорои шавқу завқ ва қобилияти хосае мебошанд. Истифодаи элементҳои технологияи тафриқаи сатҳӣ дар ҷараёни таълими хонандагони хурдсол ташкили кори гуруҳчаҳоро вобаста ба қобилият, нишондиҳандаҳои омӯзишӣ, коршоямӣ, зеҳн ва шавқ дар дохили синф пешниҳод менамояд. Истифодаи чунин тарзи кор яке аз воситаҳои муҳимми истифодабарии муносибати фардӣ бо хонандагон дар ҷараёни таълим аст.

**Калидвожаҳо:** дараҷаи тайёрӣ, шахсият, инкишофи зеҳнӣ, самараи инкишофдиҳанда, омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда, таълими тафриқа, тафриқаи сатҳӣ.

Дар замони муосир илму маърифат аз тарафи олимони соҳаи педагогика ҳамчун арзиши умумиинсонӣ дида баромада мешавад. Мақсади маълумотгирии муосир ин инкишофи ҳамон хусусиятҳои шахсият мебошад, ки барои дохил гаштан дар фаъолияти иҷтимоию арзишнок ба ӯ ва ҷамъият ниҳоят заруранд. Одам ин системаи ҷараёни инкишофёбандаест, ки шахсияти ӯ ташаккул меёбад ва дар ин сифат дар ҷараёни таъсири мутақобила бо муҳити атроф зоҳир мегардад. Пас ба мазмуни маълумот ва пуррагии манзара, дар ҳамон ҳолате рафта расидан мумкин аст, ки агар шахсият дар ҷараёни инкишофёбанда пешниҳод гардад. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти шахсият ҳамчун муайянкунандаи мазмуни маълумот баромад менамояд. Вобаста ба ин онро мумкин аст, чуноне ки В.С. Леднев пешниҳод намудааст, ҳамчун мазмуни усули махсуси ташкили фаъолияти хонанда, ки асоси онро таҷрибаи шахсӣ ташкил медиҳад, муайян кард [5].

Илми педагогикаи муосир мавқеъи худро на ба мувофиқгардонии бефаъолият ба дараҷаи мавҷудаи инкишофи хонанда, балки ба ташаккули вазифаҳои равонӣ ва ташкили шароитҳо барои инкишофи онҳо дар ҷараёни таълим муайян менамояд. Вобаста ба ҳамин Л.С. Виготский қайд кардааст, ки аз тарафи педагогон ба сохтори омӯзишие аҳамият дода мешавад, ки агар он «доираи наздиктарини инкишоф»-и шахсиятро ба ҳисоб гирад, яъне бояд на ба дараҷаи инкишофи мавҷудаи имрӯза такя намуд, балки ба он фардоина, ки хонанда онро мумкин аст дар зери роҳбарӣ ва ёрии омӯзгор ба даст оварад [1].

Аз ин бармеояд, ки барои инкишофи фикрӣ, чи тавре ки таҳқиқотҳои Д.Н. Богоявленский ва Н.А. Менчинская муайян намудаанд, ҳатто системаи донишҳои мураккаб ва серҳаракат низ каманд. Хонандагон бояд бо амалиётҳои зеҳние доро бошанд, ки бо ёрии онҳо азхудкунии дониш ва ба кор бурдани онҳо ба миён ояд.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Зубайдов Убайд – д.п.н., академик АОТ, профессор, заведующий кафедрой Методики преподавания химии ТГПУ им. С. Айни. Республика Таджикистан, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел: 224.76.23., 918.64.41.37.
Джалилова Мавлуда – старший преподаватель кафедры Методики начального образования ТГПУ им. С. Айни. Республика Таджикистан, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: jmavluda@inbox.ru. Тел. 904.43.56.38.

Н.А. Менчинская ба инкишофи омӯзандагӣ диққати зиёд дода, қайд кардааст, ки барои он фаъолияти зеҳнии ҷамъбасткардашуда, сарфакунандагӣ, тафаккури мустақил ва фасеҳ, хотираи маъноӣ, алоқаи аёнию инъикосӣ ва даҳонию мантиқии қисматҳои тафаккур хос аст. Вай чунин меҳисобад, ки инкишофи омӯзандагӣ ин роҳи эътимодноки баланд бардоштани самаранокии ҷараёни азхудкунии дониш ва дар маҷмӯъ омӯзиш аст [6].

Консепсияи самараноки баланд бардоштани вазифаи инкишофдиҳандагии таълими анъанавиро Л.В. Занков пешниҳод намуд [3]. Системаи дидактикии ӯ ба хонандагони хурдсол равона карда шудааст ва ҳангоми риоя намудани қоидаҳои асосии зерин он самараи инкишофдиҳанда медиҳад:

– ташкил кардани омӯзиш дар дараҷаи баланди мушкилӣ;

– суръати баланди омӯзиши мавод;

– принсипи нақши асосии донишҳои назариявӣ;

– дарки ҷараёни омӯзиш аз тарафи хонандагон.

Назарияи фаъолияти таълимӣ бошад, аз таълимоти Л.С. Виготский оид ба таносуби омӯзиш ва инкишоф бар меояд, ки вобаста ба он омӯзиш нақши пешбарандаи худро дар инкишофи фикрӣ ва, пеш аз ҳама, бо ёрии мазмуни донишҳои азхудкарда ба иҷро мерасонад [1].

Мувофиқи назарияи фаъолияти таълимӣ дар хонандагон бояд на дониш, балки шакли муайяни фаъолият ташаккул ёбад, ки дар онҳо дониш ҳамчун унсури муайян дохил мешавад. В.В. Давидов дар ин замина тасдиқ менамояд, ки дониши одам дар якҷоягӣ бо ҳаракатҳои фикрии ӯ меистад. Ҳамин тавр ҷоиз аст, мафҳуми «дониш» дар як вақт ҳам натиҷаи тафаккур ва ҳам ҷараёни ба даст овардани онро нишон диҳад [2].

*Мувофиқи ақидаи Л.В. Занков, на ҳар гуна фаъолияти таълимӣ шароити мувофиқро барои тарбия намудан ва инкишофи шахсият таъмин менамояд. Бинобар ин барои ҳал намудани ин масъала зарур аст, ки ташкили хуби мазмуни маълумот, интихоби шакл ва методҳои мувофиқи омӯзиш ва технологияҳои онро интихоб намоем [3].*

*Маълум аст, ки мактаби ибтидоӣ муҳимтарин давраи инкишофи синнусолӣ ва барқароршавии шахсияти хонандагонро дар бар мегирад. Мактабҳои ибтидоии мо хоҳ дар шаҳр бошанд, хоҳ дар деҳот хонандагонеро дарс медиҳанд, ки дараҷаҳои гуногуни инкишоф доранд. Вобаста ба ҳамин омӯзгорони мактабҳои ибтидоии имрӯза дар ҷустуҷӯи роҳҳои наву самаранок, восита ва шаклҳои таълим ва тарбияи хонандагон, мебошад.*

Бояд қайд намоем, ки аксарияти технологияҳое, ки солҳои тӯлонӣ дар таълим истифода бурда мешуданд ва имрӯз ҳам истифода мешаванд, ба тарзҳои гурӯҳии таълим, дар талаботҳои ягона, вақти сарфшуда, ҳаҷми маводи омӯхташаванда, бе баҳисобгирии хусусиятҳои фардию психологии инкишофи фардии ҳар як хонанда равона карда шудааст ва онҳо натиҷаҳои назаррасро дар таълим ба вуҷуд намеоранд. Аз ҷумла, истифодаи танҳо методҳои анъанавии таълим ба натиҷаҳои дилхоҳи интизоршаванда оварда намерасонад.

Барои раҳоӣ ёфтан аз чунин ҳолати баамаломада усули ба шахсият нигаронидашудаи омӯзишро пеш гирифтан лозим аст, зеро дар он як қатор назарияҳои инкишофи шахсият синтез мешаванд. Муносибати ба шахсият нигаронидашударо дар маълумот, равондармонӣ, амалияи тиббӣ, муносибатҳои оилавӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ бештар бо номи Карл Роджерс алоқаманд месозанд.

Ғояҳои Роджерс дар бораи аҳамиятнокии омӯзиш, нақши омӯзгор, муносибатҳои омӯзгор бо хонандагон ҳамчун асоси таълими инсонгароёнаро дар хориҷа ташкил медод, ки нуқтаи авҷи таҳқиқотҳои ин проблема ба солҳои 60-70-уми асри XX рост омадааст. Натиҷаи чунин таълим, ки дар он ҳазорон омӯзгор ва даҳҳо ҳазор хонандагони синфҳои ибтидоӣ, миёна ва коллеҷҳои Англия ва ИМА (баъдтар Олмон) иштирок карда буданд, нишон дод, ки он ба инкишофи хонандагон таъсир

расонидааст: худбаҳодиҳӣ хуб гаштааст, IQ зиёд гардид, қобилияти дарккунии хонандагон инкишоф ёфт, муваффақият дар хониш ва давомот баланд гардид.

Маҳз ворид сохтани дастовардҳои муосири илми психология дар ҷараёни таълим, имконият медиҳад, ки барои хонанда шароитҳои хуберо дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварем ва сифати маълумотро баланд бардорем ва кафолати таълими хубро дар донишгоҳҳои олӣ диҳем.

Агар консепсияҳои муосирро таҳлил намоем, пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки хусусиятҳои хоси ин назарияҳо шинохти инсон ҳамчун субъекти фаъолияти фаъоли таълимию дарккунӣ ва гуфтугӯ, дар олами воқеъӣ амалкунанда, дарккунанда ва тағирдиҳандаи ин олам ва худ мебошанд. Мақсади таълимот на дар тағйир додани баъзе ҷисмҳои моддӣ, балки дар тағйир ва инкишоф додани худи одам, азхудкунандаи дониш мебошад.

Барои омӯзгор дар ҷараёни таълиму тарбия ба хонанда на танҳо додани дониши муайян муҳим аст, инчунин ӯро ба худомӯзӣ, омӯзонидани маҳорати истифодабарии ахбори гирифта дар ҳаёти ҳаррӯза лозим меояд. Пас омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда ин тарзи ташкили омӯзише мебошад, ки дар ҷараёни он баҳисобгирии ҳаматарафаи имкониятҳо ва қобилиятҳои омӯзандагон таъмин мегардад ва шароитҳои зарурӣ барои инкишофи қобилиятҳои фардӣ фароҳам оварда мешавад.

Чуноне ки И.С. Якиманская қайд менамояд: «Омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда чунин омӯзишест, ки дар ҷои асосӣ шахсияти хонанда, ба худ хос будани ӯ, хударзишӣ гузошта шуда таҷрибаи шахсии ҳар яке аввал кушода шуда, пас бо мазмуни маълумот мувофиқа мегардад. Бояд донист, ки педагогикаи анъанавӣ ба сифати вазифаҳои бартаридоштаи худ ҳамеша ҳамчун мақсад инкишофи шахсиятро пешниҳод менамуд ва ба ҳамин маънӣ он ба шахсият нигаронидашуда буд» [14].

Дар ҳақиқат мақсади чунин таълим ташкили шароитҳо барои фароҳам овардани фаъолияти таълимии хусусии хонандагон, баҳисобгирӣ ва инкишофи хусусиятҳои фардии онҳо мебошад.

Ба ақидаи Л.М. Фридман: «Бояд омӯзиш ва маълумоти ба шахсият нигаронидашударо аз ҳамдигар фарқ кард. Агар аввалин танҳо чунин системаи омӯзишгирие, ки ҷараёни ба иҷро расонидани он ташаккули сифатҳои шахсии хонандаро фароҳам меоварда бошад, пас дуюмин мафҳуми васеъест, ки дар таркиби худ ҳам аввала ва ҳам ҳамаи системаи тарбияи шахсияти хонандаро дохил мекунад» [11].

Ташкили дарсҳои ба шахсият нигаронидашуда ба он равона карда мешавад, ки мазмуни таҷрибаи шахсии хонандаро вобаста ба мавзӯи дарс кушоем, онро бо донишҳои додашаванда мувофиқ намуда, ба мазмуни илмӣ мутобиқ гардонем. Барои ташкил кардани омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда дар дарсҳо технологияҳои гуногуни он мавҷуданд, ки яке аз онҳо ин тафриқаи сатҳӣ (дохилисинфӣ) мебошад.

Тафриқа (تفرقه) ҳамвожаи калимаи русии «дифференциация» (аз забонҳои фаронсавӣ differentiation ва лотинӣ differentia – гуногун, фарқият) буда, он ҷудо кардан, тақсим кардани қисми бутун ба қисматҳои гуногун, шаклҳо ва зинаҳоро мефаҳмонад [9, 397]. Мафҳуми тафриқакунонӣ бошад – ба қисмҳо ҷудо кардан, фарқ кардани чизи алоҳидаю шахсиро ҳангоми дида баромадан, омӯзиши ягон чизро мефаҳмонад [10, 168]. Вобаста ба ин тафриқакунонии таълим – ҷудо кардани нақшаҳо ва барномаҳои таълимии мактабҳои умумӣ вобаста ба майлу хоҳиш ва қобилияти хонандагон фаҳмида шуда, бо ташкили мактабҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва синфҳои омӯзиши амиқи фанҳои алоҳидаи таълимӣ ва факултативҳо ба амал бароварда мешавад [7; 345].

Бояд қайд кард, ки як муносибати умумӣ қабул кардашуда барои кушода додани моҳияти мафҳуми «таълими тафриқавӣ» маҷуд нест: дар баъзе ҳолатҳо тафриқаро ҳамчун амалигардонӣ барои истифодабарии системаҳои таълимии гуногуншакл дида мебароянд, дар дигар ҳолат барои инкишофи фардикунонии омӯзиш, дар ҳолати сеюм барои ба эътидол овардани сарбории таълимӣ, дар ҳолати

ҷорум барои ба иҷро расонидани пайдарпайӣ дар омӯзиш ва ғайраҳо. Бо вуҷуди ин психологҳо (Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, В.В. Давидов, В.А. Крутетский, Н.А. Менчинская, Н.Ф. Тализина, Л.М. Фридман ва дигарон), педагогҳо (Ю.К. Бабанский, А.А. Кирсанов, И.Я. Лернер, Е.С. Рабунский, Н.М. Скаткин, И.Э. Унт ва дигарон), методистон (В.А. Гусев, А.Н. Капеносов, В.В. Куприянович, И.М. Смирнова ва дигарон) дар зери мафҳуми тафриқа чунин шакли ташкили таълимеро мефаҳманд, ки дар он баҳисобгирии типологии хусусиятҳои фардию психологии хонандагон ба амал меояд.

У.З. Зубайдов такид намудааст, ки «Тафриқа таълимест бо ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардӣ дар он шакле, ки хонандагон дар асоси осори қобилият ва истеъдоди ёфташуда барои омӯзиши муайян гурӯҳбандӣ карда мешаванд» [4].

Н.М. Шахмаев қайд менамояд, ки «Ҷараёни таълимию тарбиявие, ки барои он ба ҳисоб гирифтани фарқияти фардии хонандагон хос аст, қабул шудааст, тафриқавӣ ва омӯзишро дар шароити ин ҷараён таълими тафриқавӣ номанд». Дар ин ҷо дар зери хусусиятҳои хоси фардию психологӣ чунин хусусиятҳои хонандагон фаҳмида мешавад, ки дар асоси онҳо мумкин аст онҳоро ба гурӯҳҳо мутаҳид намоем [13].

Дар Консепсияи таълими тафриқавӣ мақсадҳои асосии маълумоти тафриқавӣ мухтасар пешиҳод гардидаанд, ки аз рӯи се нуқтаи назар муайян карда шудаанд:

Аз нуқтаи назари психологию педагогӣ мақсади тафриқа ин фардикунонии таълим аст, ки бо ташкил кардани шароитҳои мувофиқ барои муайян кардан ва ба ҳисоб гирифтан дар омӯзиш ҳавас, инкишофи шавқ, талабот ва қобилиятҳои ҳар як хонанда асос ёфтааст.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ мақсади тафриқа ин таъсири мақсаднок ба ташаккули иқтидори эҷодӣ, зеҳнӣ ва касбии ҷамъият аст, ки дар давраи ҳозираи инкишофи ҷамъият кӯшиши ба истифодаи бештар пурра ва сарфакоронаи имкониятҳои ҳар як аъзои ҷомеъа дар муносибат бо аҳли ҷомеъа равона шудааст.

Аз нуқтаи назари дидактикӣ мақсади тафриқа ин ҳал намудани проблемаҳои ҳалнашудаи мактаб бо роҳи ташкил намудани системаи нави методии таълими тафриқавии хонандагон аст, ки дар асоси тарзи ҳар кас аз рӯи имконият ба вуҷуд омадааст.

Дар адабиётҳои психологӣ, педагогӣ, дидактикӣ ва методӣ ду шакли асосии таълими тафриқавӣ: сатҳӣ ва равиянокро ҷудо мекунанд.

Мувофиқи ақидаи А.В. Хуторской тафриқаи сатҳӣ ин чунин тарзи ташкили омӯзишест, ки дар он хонандагон имконият ва ҳуқуқ пайдо менамоянд мазмуни таълимро дар дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ аз худ намоянд [12]. Чунин тарзи тафриқа ҳангоми ҷудо кардани коллективи синф ба гурӯҳҳои хурд дар асоси нишондодҳои гуногун: дараҷаи дониш, малака ва маҳорат (азхудкунӣ); дараҷаи инкишофи зеҳнӣ; шавқу ҳавас, қобилият; сифатҳои эҳсосӣ ва боиродагӣ (аз он ҷумла муносибат ба омӯзиш) амалӣ мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ташкил кардани тафриқаи дохилисинфӣ ё сатҳӣ дар мактаби ибтидоӣ, яке аз роҳҳои асосии фардикунонии таълим аст. Бинобар ин таълими хонандагон на танҳо вобаста ба дараҷаи тайёрӣ, инчунин имкониятҳои таълимӣ вазифаи мураккабест, ки дар назди омӯзгори синфи ибтидоӣ меистад ва ҳал намудани онҳо бе муносибатҳои фардӣ дар таълим номумкин аст. Тафриқаи сатҳӣ имконият медиҳад, ки омӯзгор ҳам бо хонандаи алоҳида ва ҳам бо гурӯҳи хонандагон кор кунад, дар ин ҳолат коллективи кӯдакон низ нигоҳ дошта мешавад, зеро дар он инкишофи шахсият мегузарад.

Ҳар як омӯзгор бояд донад, ки хусусиятҳои асосии тафриқаи сатҳӣ ин талаботҳои додани имконият ба хонандагон, интихоб намудани азхудкунии мавод, гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар ва ғайраҳо мебошанд.

Системаи кори омӯзгори синфи ибтидоӣ аз рӯи ин технология якчанд дараҷаҳоро дар бар мегирад:

– муайян кардани қафомонӣ;

– барҳам додани қафомониҳо;

– бартараф кардани сабабҳои аз худ накардан;

– ташаккули шавқу рағбат ба омӯзиш;

– тафриқа кардани (бо сатҳи мураккабӣ) масъалаҳои таълим ва баҳо додан ба фаъолияти хонанда.

Омӯзиши технологияи таълими тафриқавӣ нишон медиҳад, ки зимни ташкил кардани тафриқаи сатҳӣ дар синф ва ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намудани хонандагон бояд чунин нуқтаҳоро ба назар гирем:

– вобаста ба дараҷаи инкишофи ақлӣ (дараҷаи дастовардҳо);

– вобаста ба шаклҳои шахсиятию психологӣ (шаклҳои тафаккур, хулқ, мизоҷ ва ғайра).

Дар ин маврид таълими тафриқавӣ аз омӯзгорон талаб менамояд, ки қобилиятҳои фардӣ ва имкониятҳои таълимии (дараҷаи инкишофи диққат, фикррони, хотира ва ғайраҳо) хонандагонро омӯзанд, дараҷаи дониш ва маҳорати онҳоро аз рӯи фанҳои муайян ташхис намоянд. Аз ин бар меояд, ки бо мақсади истифодаи технологияи сатҳӣ дар таълим омӯзгорон бояд ташхиси ҷараёнҳои дарккунии ҳар як хонандаро дар давоми тамоми давраи омӯзиш дар мактаб гузаронанд.

Таҳқиқотҳои дар соҳаи педагогика гузаронидаи муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки ҳангоми ворид гаштан ба мактаб кӯдакони синфҳои ибтидоӣ омӯзиши барномаи мактабро бо тайёриҳои гуногун оғоз мекунанд. Аз ҷиҳати миқдор он қариб дар аксари мактабҳо чунин аст: қисми зиёди хонандагон (тахминан 60-65%) ба мактаб бо дараҷаи инкишофи якхелаи психикӣ ворид мегарданд ва асосан онҳоро ҳамчун меъёр қабул мекунанд; 15-20% хонандагон дар дараҷаи каму беш аз ин сатҳ болоянд ва тахминан 20% кӯдакон баръакс аз ин дараҷа пасттаранд.

Омӯзгор ташхиси ҷараёнҳои дарккунии ҳар як хонандаро дар давраи омӯзиш гузаронида, вобаста ба натиҷаҳои ташхис синфро метавонад ба чунин сатҳҳо ҷудо намояд:

**Гурӯҳи А.** Хонандагони диққати устувордошта, ки қобилияти хуби омӯзишӣ, нишондиҳандаҳои баланди азхудкуниро аз фанҳои муайян доранд ва хуб кор карда метавонанд, ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Ин хонандагон захираи луғавии зиёдеро дороанд ва ҳангоми омӯзиш ҷамъбаст карда, хулоса бароварда, маводи таълимиро бомуваффақият аз худ менамоянд.

**Гурӯҳи Б.** Хонандагони қобилият, нишондиҳандаҳои омӯзишӣ, коршоямӣ, зеҳнӣ ва шавқи миёнадошта ба ин гурӯҳ дохил карда мешаванд. Хонандагони ин гурӯҳ он қадар мустақил нестанд, тасаввуроти онҳо нопурра, канда-канда аст. Барои аз худ намудани мавод, зарур аст чандин маротиба такрор кунанд. Аз ҷиҳати хусусиятҳои психикии беруна саросемаанд, бедиққатанд ва тасаввуроти на он қадар хуб доранд.

**Гурӯҳи В.** Хонандагони қобилияти омӯзишӣ, шавқи дарккунӣ, нишондиҳандаҳои азхудкунии паст дошта ба ин гурӯҳ дохил карда мешаванд. Хонандагони ин гурӯҳ, проблемаҳои зиёде дар азхудкунии дониш доранд. Дараҷаи фикрронии онҳо инкишоф наёфтааст, аз ҳамсинфон қафо мемонанд. Ҳангоми вуҷуд надоштани муносибати фардӣ бо онҳо шавқу ҳавасашонро ба хондан гум мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ҷудокунии хонандагон ба гурӯҳҳои хурд дар ҷараёни омӯзиши тафриқавӣ як маром намемонад ва дар ҷараёни омӯзиш талаба метавонад аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузарад.

Таълими тафриқавии гуногунсатҳро дар ҳамаи давраҳои ҷараёни таълим истифода бурдан мумкин аст: омӯзиши маводи нав; вазифаи хонагии тафриқавӣ; баҳисобгирии дониш дар дарс; санҷиши азхудкунии маводи гузашта; ташкили кор бо ғалатҳо; мустаҳкамкунии дарс ва ғайраҳо.

**Адабиёт:**


1. Выготский Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. – М., 1996. - 536с.
2. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения / В.В. Давыдов – М., 1986. – 240с.

3. Занков Л.В. Индивидуальные варианты развития младших школьников / Л.В. Занков. – М., 1973. - 176с.

4. Зубайдов У.З. Таълими тафриқа ва мактаби муосир / У.З. Зубайдов. – Душанбе, 2013. – 304с.

5. Леднев В.С. Содержание образования: сущность, структура, перспективы / В.С. Леднев. – М., 1991. – 224.

6. Менчинская Н.А. Краткий обзор состояния проблемы неуспеваемости школьников. – В кн.: Психологические проблемы неуспеваемости школьников / Под. ред. Н.А. Менчинской. – М., 2001. – С.8-31.

7. Новый энциклопедический словарь. – М.: Научная издательство «Большая Российская энциклопедия». Издательство «Рипол Классик», 2000. – 1456с. – (Библиотека словарей).

8. Роджерс К. Взгляд на психотерапию. Становление человека /К. Роджерс. – М., 1994. – 479с.

9. Советский энциклопедический словарь / главн. ред. А.М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: «Советская энциклопедия», 1984. – 1600с. – (Библиотека словарей).

10. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – 4-е изд. – М.: Издательство «Азбуковник», 1999 – 944с.

11. Фридман Л.М. Концепция личностно-ориентированного образования. // Журнал «Завуч», №8. 2000. – С.77.

12. Хуторской А.В. Личностная ориентация образования как педагогическая инновация / А.В. Хуторской//Школьные технологии. – 2006. - №1. – С. 3.12.

13. Шахмаев Н.М. Дифференциация обучения в средней общеобразовательной школе // Дидактика средней школы. – М., 1982. – 319с.

14. Якиманская И.С. Разработка технологии личностно-ориентированного обучения //Вопросы психологии, №2. 1995. – С.31.

**ЗУБАЙДОВ У.З., ДЖАЛИЛОВА М.Н.**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭЛЕМЕНТОВ ТЕХНОЛОГИИ УРОВНЕВОЙ ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ

В статье констатируется, что любой школьный класс состоит из учеников с неодинаковым развитием и степенью подготовленности, специфическим отношением к учению и неординарными интересами и способностями. Использование элементов технологии уровневой дифференциации при обучении младших школьников, предполагает организацию работы внутри класса группам учащихся, с одними и теми же более или менее устойчивыми индивидуальными особенностями. Реализация подобной работы является важнейшим средством реализации индивидуального подхода к учащимся в процессе обучения.

**Ключевые слова:** степень готовности, личность, умственное развитие, развивающий эффект, личностно-ориентированное обучение, дифференцированное обучение, уровневая дифференциация.

**ZUBAIDOV U.Z., JALILOVA M.N.**

## USE OF TECHNOLOGY IN LEVEL DIFFERENTIATION TRAINING OF YOUNG SCHOOLBOYS

The article is stated that any school class consists of pupils with unequal development and degree of readiness, a specific attitude to learning and extraordinary interests and abilities. Using the technology level differentiation in teaching the younger schoolboys it involves the organization of work within the class group of pupils with the same more or less stable individual characteristics. Realization this work is the most important means of realization an individual approach to the pupils in the learning process.

**Keywords**: readiness, personality, mental development, developmental effect, student-centered learning, differentiated instruction, level differentiation.